«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор Насриддинзода Э.С.
_____
«10» 12 2024 с.

ХУЛОСАИ

кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДМТ Шамсуллозода Диловар Шамсулло дар мавзуи “Технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар низоми таълимии бакалаврҳои ихтисоси “Информатика”” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08. «Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ» (илмҳои педагогӣ)

Шамсуллозода Диловар Шамсулло 22 феврали соли 1989 дар ноҳияи Данғара дар оилаи зиёӣ таваллуд шудааст. Соли 2012 Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусравро бо ихтисоси муҳандис-систематехник хатм намудааст. Солҳои 2014-2019 дар кафедраи табиӣ-риёзии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон ба ҳайси ассисент фаъолият менамуд. Аз соли 2020 инҷониб да коллеҷи тиббӣ-инноватсионии ш. Бохтар фаъолияти омӯзгори менамояд.

Тибқи фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 21.01.2023 таҳти №18-05 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика қабул шудааст.

Шамсуллозода Диловар Шамсулло ҳамчун унвонҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон имтиҳонҳои номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм – аъло, забони англисӣ – аъло ва педагогика – ихтисосро бо баҳои аъло супоридааст. Шаҳодатнома оид ба супороидани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 29.11.2024 таҳти №143 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудаст.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ, профессор Мирализода Абдусалом Мустафо.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми сезинагии таҳсилоти олӣ ҷорӣ карда шуд, ки ин тағйирот аз таъсири омилҳои мухталифи ҷамъиятиву сиёсӣ, иҷтимоӣ, таълимӣ ва дигар омилҳои ҷомеаи муосир бармеояд. Ҳамаи ин дигаргуниҳо як қатор масъалаҳоро тавлид намуданд, ки ба амалӣ намудани раванди таҳсилоти касбӣ, роҳҳои амалинамоии талабот ба бакалаврҳо, ки дар стандартҳои таълимии давлатӣ таҷассум гардидаанд, алоқаманд мебошанд. Ҳалли масъалаҳои мазкур бояд дар муайян намудани хусусиятҳои омоданамоии касбии бакалаврҳо асос ёбад.

Омода намудани мутахассисони касбӣ, бакалаврҳо ва магистрҳои баландихтисос ва рақобатпазир ба бозори меҳнат вазифаи аввалиндараҷаи таҳсилоти касбӣ ба ҳисоб меравад, ки иҷро намудани он бо дигаргунсозии низоми маориф, гузариш ба низоми зинавии тайёрнамоӣ, ки аз ворид гардидани Тоҷикистон ба раванди Болон бармеояд, алоқаманд аст. Дар навбати худ, иҷро намудани ин вазифа таҷдиди муносибатҳои анъанавӣ, ҷустуҷӯи принсипҳои нави лоиҳакашии мундариҷаи барномаҳои таълимӣ, ташкили раванди таълим, лоиҳакашии воситаҳои дидактикӣ ва барномавӣ-методии таълимро талаб менамояд.

Дар шароити имрӯза барномаҳои асосии касбӣ дар таълими бакалаврият мувофиқи стандартҳои таълимии давлатӣ дар таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда шуда, диққати асосӣ ба ташаккули салоҳиятҳои касбӣ бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ равона карда шудааст. Ҳамин тариқ, таҳсили донишҷӯён дар доираи тарҳи тайёрнамоии бакалаврҳо ба роҳ монда мешавад, ки унсурҳои асосии он технологияҳои иттилоотиву таълимӣ, воситаҳои махсуси дидактикӣ ва барномавӣ-методии таълим ба ҳисоб мераванд. Дар чунин ҳолат қобилияти гуногунсамтаи донишҷӯён мувофиқи шавқу рағбати онҳо, салоҳиятҳои умумифарҳангӣ ва касбӣ ташаккул ёфта, донишҷӯён дар раванди таълим таҷрибаи қабули қарорҳоро аз худ менамоянд.

Муҳаққиқ бо назардошти таҳқиқот ва фарзияи пешниҳодгардида вазифаҳои зеринро ичро кардааст:

– омӯзиш ва таҳлили муносибатҳои илмӣ дар тайёрнамоии касбии бакалаврҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ;

– омӯзиш ва баррасии моҳият, хусусиятҳо ва ҷанбаҳои асосии муҳити иттилоотиву таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ;

– таҳлили вазифаҳои дидактикӣ дар ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии иттилоотиву иртиботии донишҷӯёни зинаи бакалавр дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ;

– омӯзиш ва таҳлили роҳҳо ва воситаҳои такмили методҳои таълим дар тайёрнамоии касбии бакалаврҳо дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ;

– омӯзиш ва баррасии тарҳҳои ташаккули салоҳиятнокии иттилоотиву иртиботии донишҷӯёни зинаи бакалавр дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

– омӯзиш ва баҳогузории роҳҳо ва воситаҳои таъминоти методӣ-иттилоотии раванди ташаккули салоҳиятнокии иттилоотиву иртиботии донишҷӯёни зинаи бакалавр;

– гузаронидани корҳои санҷишиву озмоишӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқ дар ҷанбаҳои зерин зоҳир мегардад: асоснокнамоии назариявӣ ва ташаккули принсипҳои базавӣ ва иловагии тайёрнамоии бакалаврҳо дар соҳаи омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ва истифодаи онҳо дар фаъолияти касбӣ; ҷанбаҳои асосии муҳити иттилоотиву таълимии муассисаи таҳсилоти олӣ ва нақши он дар таъмини самаранок тайёрнамоии бакалаврҳои ихтисоси информатика; мундариҷаи асосии унсурҳои фаъолияти иттилоотии мутахассис дар соҳаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ муайян шудааст; талаботҳо ба дониш, маҳорату малакаи донишҷӯёни зинаи бакалаври ихтисоси информатика дар самти истифодаи ТИИ дар фаъолияти омӯзиши ва

фаъолияти ояндаи касбӣ муайян карда шудааст; мақсад ва самти мундариҷавии такмили тайёрнамоии донишҷӯён дар соҳаи истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дақиқ карда шудааст; асоснокнамоии назариявии таъминоти таълимӣ-методии таҳсилоти бакалаврҳои ихтисоси информатика.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар коркарди ҷанбаҳои зерин зоҳир мегардад: таъминоти илмӣ-методии таҳсилоти бакалаврҳои ихтисоси информатика дар раванди тайёрнамоии касбӣ; таъминоти ташкиливу методии тайёрнамоии донишҷӯёни зинаи бакалавр – мутахассисони ояндаи соҳаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ. Маводи таҳқиқотии мазкурро метавон дар тайёр намудани барномаи курсҳои махсуси “Технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ”, “Информатика”, “Асосҳои фарҳанги иттилоотии мутахассис” ва дигар фанҳои ҳамрадифи педагогика истифода намуд. Ҳамчунин, дар кор тавсияҳои методӣ оид ба тайёрнамоии касбии донишҷӯёни зинаи бакалавр дар истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ ва маводҳои ташхисӣ барои ошкор намудани мушкилиҳо дар ин самт коркард шудаанд, ки дар раванди таълим ва низоми таҳсилот истифода гардиданашон ба манфиати кор аст.

Методҳои таҳқиқот: Дар раванди тадқиқот бо мақсади ҳалли вазифаҳои гузошташуда ва санҷиши фарзияҳои ибтидоӣ маҷмуи методҳои тадқиқотии зерин мавриди истифода қарор дода шудаанд:

– таҳлили назариявӣ ва ҷамъбастнамоии муқаррароти илмии психологиву педагогӣ, информатика, назарияи озмоиши педагогӣ;

– омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи омӯзиши информатика ва технологияҳои иттилоотӣ, фанҳои мухталиф бо истифодаи методҳои барномасозӣ дар технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ;

– таҳлили стандартҳои таълимии давлатии таҳсилоти олӣ, барномаҳои таълимӣ ва воситаҳои методӣ барои тайёр намудани бакалаврҳои ихтисоси информатика;

– методҳои ташхиси назариявӣ-муқоисавӣ, ретроспективӣ, моделсозӣ;

– методи ташхисӣ-саволномаҳо, методи баҳогузориҳои санҷишӣ;

– ташхиси маҳсули фаъолият, омӯзиши таҷрибаи психологиву педагогӣ;

– методҳои таҳқиқоти озмоишӣ (эксперимент);

– методҳои коркарди омории маълумотҳои таҷрибавӣ.

Ҷараёни таҳқиқот, сохтор ва муҳтавои рисола ва натиҷаҳои асосии он дар ҷаласаҳои кафедраҳои педагогикаи муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар конфренсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ, семинарҳо ва баромадҳои муаллиф дар шакли маърӯза мавриди муаррифӣ ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М] Шамсуллозода Д.Ш. Салоҳиятнокии иттилоотиву иртиботи ҳамчун омили самаранокии таҳсилоти касбӣ //Паёми ДМТ, (Маҷалаи илмӣ). №6 (2074) - Душанбе: «Сино», 2022. –С.203-210

[2-М] Шамсуллозода Д.Ш. Муносибатҳои омӯзиши тайёрии касбии донишҷӯёни бакалавр //Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ, (Маҷалаи илмӣ). №1 (9) (2219) - Душанбе: 2022. –С.203-211

[3-М] Шамсуллозода Д.Ш. Вазифаҳои дидактикӣ дар ташаккули салоҳияти иттилоотиву иртиботии донишҷкёни зинаи бакалавр / А.М. Мирализода, Д.Ш. Шамсуллозода //Паёми ДМТ, (Маҷалаи илмӣ). №2 (2074) - Душанбе: «Сино», 2024. –С.220-231

[4-М] Шамсуллозода Д.Ш. Хусусиятҳои муҳити иттилоотиву таълими дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ //Паёми ДМТ, (Маҷалаи илмӣ). №2 (2074) - Душанбе: «Сино», 2023. –С.291-298

[5-М] Шамсуллозода Д.Ш. Аз фаъолияти шуъбаи маорифи ноҳияи Ҷалолиддини Румии вилояти хатлон дар 20-соли истиқлолият/

А.Хайрулоев, П.Мирзоев, Д.Ш. Шамсуллозода //Паёми ДМТ, (Маҷалаи илмӣ). №3/12 (2074) - Душанбе: «Сино», 2015. –С.19-24

Маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ:

[6-М] Шамсуллозода Д.Ш. Тарзҳои гуногуни дида баромадани матнҳо дар барномаи матнӣ // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии ҳайати устодону кормандони Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон бахшида ба Даҳсолаи байналмиллалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», Бохтар, 2017; С.-141-145.

[7-М] Шамсуллозода Д.Ш. Решение типовых вычеслительных задач в среде программе Матчкат расчет по формулам// Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии ҳайати устодону кормандони Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон бахшида ба “Даҳсолаигии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон”, Бохтар, 2016; С.-394-400.

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи илмии Шамсуллозода Диловар Шамсулло дар мавзуи “Технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар низоми таълимии бакалаврҳои ихтисоси “Информатика”” кори илмии мустақилона ба анҷомрасида мебошад, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст.

2. Диссертатсияи илмии Шамсуллозода Диловар Шамсулло дар мавзуи “Технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар низоми таълимии бакалаврҳои ихтисоси “Информатика”” ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи 13.00.08. «Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ» (илмҳои педагогӣ) ҷавобгӯ мебошад.

3. Диссертатсияи Шамсуллозода Диловар Шамсулло дар мавзуи “Технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар низоми таълимии бакалаврҳои ихтисоси “Информатика”” барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии

6D.КОА-048-и назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав пешниҳод карда шавад.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима гардидааст.

Дар ҷаласа 11 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 11 нафар, “муқобил” - нест, “бетараф” - нест. Қарор бо як овоз қабул шуд, суратҷаласаи №8 аз 04 декабри соли 2024.

Раиси ҷаласа: номзади илмҳои педагогӣ, дотсент **Тошзода С.Ҳ.**

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент **Ахмедова М.С.**

Котиби семинари илмӣ-назариявии кафедра **Назарова Х.А.**
04.12.2024 с.

Маълумот барои тамос: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Тел: 903212127. E-mail:toshzoda@inbox.ru

Имзоҳои С.Ҳ. Тошзода, М.С. Ахмедова ва Х.А. Назарова- ро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ
04.12.2024 с.

Тавқиев Э.Ш.